*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012*
*назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович дар мавзуи "Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

Дар замони муосир, дар фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла савдои чакана истифодаи фаъолонаи технологияҳои рақамӣ, мушоҳида карда мешавад. Технологияҳои рақамӣ ба рафтори истеъмолгарон таъсир расонида, коркарди саривақтӣ ва фаврии иттилоот таъмин менамоянд. Фаъолияти муассисаи савдои чакана бо фурӯши маҳсулот ба истеъмолкунандаи охирин алоқаманд аст, ки ин марҳилаи ниҳоии пешбарии он аз соҳаи истеҳсолот ба соҳаи истеъмолот мебошад. Раванди савдои чакана аз фурӯши мақсадноки мол, хизматрасонӣ ба мизоҷон, савдо ва хизматрасониҳои пас аз фурӯшро дар бар мегирад. Чакана унсури муҳими инфрасохтори бозор буда, нақши он танҳо бо тақсими маҳсулот маҳдуд нашуда, вай истеҳсолотро ҳавасманд мегардонад ва барои тараққиёти он самтҳои муайянро таъмин менамояд. Айни замон аз ҳисоби баланд шудани рақобат, таъмини бартарият нисбат ба рақибон, пешниҳоди барномаҳои ҳавасмандкунӣ ба истеъмолкунанда корхонаҳои савдои чаканаро лозим меояд, ки дар ташаккул ва инкишофи инфрасохтори савдои чакана чораҳои амалӣ андешанд.

Аз ин рӯ, дарёфт ва таҳияи рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ яке аз роҳҳои асосии муътадилгардонии инкишофи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ буда, яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад ва татбиқи он рушди соҳаи савдои чаканаро таъмин менамояд.

Омӯзиши қисмати муқаддимавии автореферат нишон медиҳад, ки он аз рӯи талаботҳои муқарарнамуда омода гаштааст. Дар он мақсад ва вазифаҳо, натиҷаҳои ноилгашта, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардида, мантиқан бо ҳамдигар мутобиқат менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки рушди бахши воқеии иқтисодиёти кишвар аз рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана вобаста буда, самаранокии он аз фаъолияти субъектҳои савдои чакана вобастагии калон дорад. Субъектҳои савдои чакана ҳамчун воҳидҳои асосии истеъмолӣ дар иқтисодиёти кишвар баромад намуда, такрористеҳсоли сармояи инсониро бар дӯш дорад ва дар тамоми равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар фаъолона иштирок менамоянд.

Аз ин рӯ мавзуи илмӣ, ки ба таҳлили рақобаттавонии субъектҳои савдои

чакана бо роҳи баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ равона карда шудааст, мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад. Умуман шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки он дар доираи талаботҳо иҷро карда шуда, дар он вазифаҳои муайяншудаи муҳаққиқ ҳалли худро ёфтаанд.

Аз рӯи автореферати диссертатсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки унвонҷӯ дар назди худ мақсади асоснок кардани муқаддамоти илмии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллиро гузошта, тавонистааст тавассути иҷрои вазифаҳои гузошташуда, ба он ноил гардад.

Аммо бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳоро низ қайд намудан мумкин аст:

1. Дар автореферат довталаб мафҳуми муаллифии “иқтисоди рақамӣ”-ро барои савдои чакана пешниҳод намудааст. Хуб мешуд агар, мафҳуми муаллифии қайдшударо дар умум пешниҳод менамуд.
2. Дар автореферат оид ба салоҳияти кормандони соҳаи савдои чакана сухан меравад, аммо пурратар дар бораи чӣ гуна амалисозии ин равандҳо пешниҳодҳои мушаххас оварда нашудааст.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии кори мазкурро кам намекунанд ва характери тавсиявӣ доранд. Бо ифрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки зимни таҳлил ва омӯзиши автореферати диссертатсияи Лутфулоев Мазбутҷон Дадоҷонович, ки дар мавзуи “Хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ (дар мисоли шаҳри Хуҷанд)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 - Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод гардидааст, муайян гардид, ки таҳқиқоти илмии ӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарриз:**
**Муовини ректор оид ба илми ДДМИТ**
**н.и.и., дотсент** **Б. Сафаров**

*Имзои н.и.и., достент Сафаров Б.Г.-ро тасдиқ мекунам*
*Сардори ШККМ-и ДДМИТ* *Шарипов У.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ